## САБАБҲОИ МУНОҚИШАҲОИ ОИЛАВӢ ДАР ЧИСТ?

- **Ҳамсароне, ки мунокиша мекунанд, сарчашмаи мунокишаҳои давомдорро ёфта наметавонанд. Дар бисёр ҳолатҳо, маълум мегардад, ки яке аз сабабҳои мунокишаҳои "ҳалношаванда" ин набудани муомилаи хуб байни ҳамсарон мебошад.**

- **ҳурмату эҳтиром байни зану шаҳвар, гарчанде, ки ихтилофи назарҳо вуҷуд дорад; таҳқир накардани ҳамдигар, истифодаи стратегияи "пахш намудани иродаи"-и шарик бо истифода аз қувваи худ.**

- **роҳ надодани зану шаҳвар, ки мунокиша ба зӯроварӣ ё ин ки ба ҷудошавӣ мубаддал гардад.**



## БАРОИ КӮМАК БА МУТАХАССИСОН МУРОҶИАТ НАМОЕД!

## БА РАҚАМҲОИ НИШОНДОДАШУДА ЗАНГ ЗАНЕД.

## ҲАМА КӮМАК РОЙГОН АСТ.

Маводи мазкур бо дастгирии Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ (Бюро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар доираи Лоиҳаи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (PDV), ки аз ҷониби Филиали ГОПА мбХ дар ҶТ амалӣ карда мешавад, дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Бохтар, ш. Левакант, ноҳияҳои Қубодиён, Вахш, Кушониён, Хуросон, Панҷ, Шаҳритуз, Ҷ. Балхи ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба нашр расонида шудааст.

GOPA
WORLDWIDE CONSULTANTS

Пешгирии Зӯроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

**Якҷоя – бар зидди зӯроварӣ дар оила.**

**Ту танҳо нестӣ, кӯмак – тавассути телефони мобилӣ ҳам дастрас аст!**

# ОИЛА
## БЕ ЗӮРОВАРӢ

**Шабакаи мушовирон - мутахассисон аз ш. Бохтар, ш. Левакант, ноҳ. Қубодиён, Панҷ, Вахш, Кушониён, Хуросон, Ҷ. Балхи, Шаҳритуз ва Ҳамадони оид ба мушкилоти муносибат дар оила машваратро тавассути телефони мобилӣ низ мегузаронанд!**

# ЗЎРОВАРӢ ДАР ОИЛА

«Зўроварӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рўҳӣ, шаҳвонӣ, ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ў, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ў мегардад, ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад».

***Моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зўроварӣ дар оила»***

Зўроварӣ дар оила ин амали зиддиқонунӣ мебошад.

«Ҷабрдидагон ҳуқуқ доранд, ки кўмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро гиранд»...

***Моддаи 6-и Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зўроварӣ дар оила»***

«Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад» (моддаи 18)

«Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд» (моддаи 33)

***Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## КЎМАК ДАСТРАС АСТ

Дар ҳамкорӣ бо Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Бохтар, ш. Левакант, ноҳияҳои Қубодиён, Вахш, Кушониён, Ҷ.Балхӣ, Хуросон, Панҷ, Шаҳритуз ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо дастгирии Лоиҳаи «Пешгирии зўроварии хонаводагӣ» дар ноҳияҳои номбаршуда Мушовирон ба ҷабрдидагони ЗО ба воситаи муроҷиати бевосита ва тавассути телефони мобилӣ кўмак мерасонанд.

## МУНОСИБАТҲОИ БЕ ЗЎРОВАРОНА ДАР ОИЛА

«Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд».

***Моддаи 33 Конститутсияи ҶТ***

Намунаҳои муносибатҳои бе зўроварона дар оила, дар байни зану шавҳар:
**Эҳтиром:** гуш кардани якдигар бе маҳкум, фаҳмидани якдигар, нигоҳ доштани суботи эҳсосот;
**Боварӣ ва дастгирӣ:** дастгирии мақсадҳои зан/шавҳар дар зиндагӣ, эҳтироми ҳуқуқ ба ҳиссиёт, эҳсосот, қобилияти муошират бо дигарон, ҳуқуқи интихоб кардан;
**Муҳокима ва адолат:** ҷустуҷўи роҳҳои муфид оид ба ҳалли мунокишаҳои оилавӣ ба ҷои вайроншавӣ оила, такмили муносибатҳои тарафайн;
**Масъулияти муштарак:** Розигии муштарак оид ба тақсимоти одилонаи кор ва нигоҳубини кўдак, қабули қарорҳои якҷояи оилавӣ;
**Рафтори бе таҳдид:** чунон сухан гуфтан ва рафтор кардан лозим аст, то ки ҳар як ҳамсар худро бехатар эҳсос кунад.

## МАШВАРАТИ БЕВОСИТА ВА ТАВАССУТИ ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ

- **ш. Бохтар:** МБ «Ғамхорӣ», кўчаи. Ваҳдат 196 А, машварати психолог, ҳуқуқшинос, корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Душанбе - Ҷумъа, аз соати 09:00 то 17:00, **телефон: 8 32 22 278 -79, Моб.: 000300271, 000300272**
- **н. Қабодиён:** дар назди Ҳукумати ноҳия/бахши кор бо занон ва оила, машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Чоршанбе, Панҷшанбе, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон: 98 726 69 92**
- **н. Вахш:** дар назди Ҳукумати ноҳия/бахши кор бо занон ва оила, машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Сешанбе, Ҷумъа, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон: 98 726 69 92.**
- **н. Кушониён:** дар назди Ҳукумати ноҳия (Ҳуҷраи машваратӣ барои занон), машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Душанбе - Панҷшанбе, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон.: 98 726 69 91.**
- **ш. Левакант:** Маркази дастгирии занон (кўчаи Рудакӣ), машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Душанбе - Панҷшанбе, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон: 98 726 69 95.**
- **н. Панҷ:** дар назди Ҳукумати ноҳия/бахши кор бо занон ва оила, машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Душанбе, Чоршанбе, Ҷумъа, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон: 98 726 69 90.**
- **н. Хуросон:** дар назди Ҳукумати ноҳия/бахши кор бо занон ва оила, машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Сешанбе, Панҷшанбе, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон : 8 32 42 2 17 97, моб.: 98 726 11 49.**
- **н. Шаҳритуз:** дар назди Ҳукумати ноҳия/бахши кор бо занон ва оила, машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Сешанбе, Панҷшанбе, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон: 8 32 40 2 10 49, моб.: 98 726 91 16, 98 726 91 33.**
- **н. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ:** дар назди Ҳукумати ноҳия/бахши кор бо занон ва оила, машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Сешанбе, Панҷшанбе, аз соати 09:00 то 16:00, **телефон: 8 33 15 2 20 95, моб.: 98 726 91 15.**
- **н. Ҷ. Балхи:** дар назди Ҳукумати ноҳия/бахши кор бо занон ва оила, машварати корманди иҷтимоӣ, рўзҳои Сешанбе, Панҷшанбе аз соати 09:00 то 16:00, **телефон: 8 32 47 4 37 72, моб.: 98 726 11 48.**